# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии номзадии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» дар шароите интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, талаботи субъектони муносибатҳои хоҷагидорӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоиро бидуни истифодаи нерӯи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошад, ки бе таъмини асосҳои ҳуқуқӣ амалӣ шудани он душвор аст. Танзими шартномавӣ талаботи иқтисоди бозорӣ буда, дар соҳаи энергетика нақши муҳим дорад. Бо назардошти он ки заминаи муосири меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи таъмини барқ ба такмилу таҷдид ниёз дошта, дар навбати худ таҳлили комплексии илмиро талаб мекунад, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи ислоҳотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозишуда, бозори озоди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла бозори хариду фурӯши нерӯи барқ тавсеа ёфта, нақши шартнома дар муомилоти гражданӣ ба таври назаррас баланд мегардад. Он дар аксар мавридҳо ягона санади танзимкунандаи муносибатҳои тарафайн дар муносибатҳои гражданӣ, бахусус муносибатҳо дар бахши таъмини нерӯи барқ мебошад. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани тадқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ин масъалаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи мазкур аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест. Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии соҳаи энергетика, хусусан танзими

шартномавии таъмини барқ дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки аз навгонии илмии он шаҳодат медиҳанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф танзими шартномавии таъмини баркро такмил дода, ба дигар паҳлуҳои падидаи мазкур низ мусоидат менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои инкишофи танзими шартномавии таъмини барқ муҳим арзёбӣ мегардад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот

натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждани̇; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

– Пулатов Азамат Содиқҷонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ Золотухин А.В.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ Бозоров Р.Б.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирқулов Х.Р.